***Иноят Файзуллоева,*** *ходими пешбари илмии ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ*

# НАҚШИ МОДАР ДАР ТАРБИЯИ ХЕШТАНШИНОСИИ АФРОДИ ҶОМЕА

***Модар бо як даст гаҳвора ва бо дасти дигар дунёро меҷунбонад!***

Проблемаи ахлоқу психологияи ҳаёти хонавода, омодасозии фарзанд ба ҳаёти ҷамъиятӣ, тарбияи маънавии фарзандон, омодасозии онҳо ба ҳаёти мустақил ва ғайра яке аз мушкилоти асосии ҷомеа ба шумор меравад. Дар ҳали ин масъала хонавода муҳимтарин мактаби урфу одат буда, барои инсон дар роҳи ташаккули ахлоқию сиёсии шахсият қадамҳои аввалин мегузорад. Хонавода дар шахси падару модар, ба хусус модар, баёнгари ҳаёт ва фаъолияти фарзандон мебошанд. Фарзандон арзиши асосии хонавода буда, вазифа ва масъулияти волидон дар он аст, ки дар хонавода инсони арзанда ва ҷисману рӯҳан солим ба камол расанд. Маҳз модар метавонад фарзандонро дар рӯҳияи инсондӯстӣ, хештаншиносӣ ва ватанпарварӣ тарбия намояд. Албатта, дар тарбияи фарзанд падар,модар ва дигар хешовандон низ саҳм доранд, аммо зан-модар, ки сарчашмаи рӯзгор аз ӯ ибтидо мегирад, аз дигарон дида бисёртар дар тарбияи афроди ҷомеа нақши муҳим дорад. Модар ҳамеша кӯшиш мекунад, ки фарзандони ба воя расонидааш номбардори халқу миллат бошанд. Воқеан, нафаре, ки зану фарзанд, падару модар ва дӯстонро қадрдонӣ нанамояд, дар ҳеҷ маврид Ватанашро низ эҳтиром намекунад, зеро ватандӯстӣ низ як навъ инсондӯстист. Ва ин ду мафҳум байни худ пайванди ногусастанӣ доранд. Ба ин маънӣ модарон бояд ҳамеша дар тарбияи фарзандони соҳибмаърифату хайрхоҳ ва дорои ахлоқи ҳамида кӯшиш намуда, онҳоро ба ҳаёти мустақилона омода созанд. То ин ки фарзанди аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва маънавӣ солим ба қадру манзалати падару модар, Ватан ва таъриху тамаддуни миллат бирасад ва барои давлату миллати худ хизмат намояд. Ин масъулияти бузург модаронро вазифадор месозад, ки дар баробари нигоҳубину парасторӣ ва камолоти маънавию ҷисмонии фарзандони худ онҳоро дар рӯҳияи худогоҳиву худшиносӣ, ҳувийяту ифтихори миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва ҳомии марзу буми хеш будан тарбия намоянд. Ин аст, ки волотарин ва болотарин мартабае, ки

зан дар оила ва ҷомеа пайдо мекунад, ин дуруст тарбия намудани фарзандони фарзонаву бонангу номус мебошад. Яъне, қаблан, бояд зан мавқеи вижаро дар оила дошта бошад. Ин дар навбати аввал кафолатест барои ҳамчун роҳбар, сарвар ва ё сиёсатмадор миёни мардум мақом ва обрӯ пайдо кардани фарзанди ӯ. Он рӯз мабод, ки фарзанди тарбиянамудаи модар даст ба террор занад ва ҳаракатҳои экстремистӣ намояд.

Ин ҷо қайд кардан ба маврид аст, ки ҳолатҳои воқеӣ ва таҳлили онҳо имконият медиҳад муайян намоем, ки мафкура ва ҷаҳонбинии танг, таҳмили ғояҳои ифротӣ аз ҷониби ин ё он аъзои оила, ки худ ба чунин равияҳо аллакай гаравидааст, ҳолати руҳӣ ва эҳсос, ноустуворӣ дар мавқеи худ ва итоаткории ғуломона дар иҷрои уҳдадориҳои оилавӣ низ боиси ҷалби фарзанд ба гурӯҳҳои террористӣ мегардад. Аз ин рӯ, барои мубориза бурдан бо зуҳуротҳои номатлуби зараровар-терроризму ифротгароӣ бояд ҳамаи қишрҳои ҷомеа ва махсусан модарон масъулият эҳсос намуда, дар якҷоягӣ бар зидди он мубориза баранд.

Қобил ба қайд аст, ки барои пешгирии терроризм ва экстремизм дар ҷомеа нақши модарон хоса буда, рушд наёфтани имкониятҳои иҷтимоиву иқисодии занон, сатҳи пасти маърифатнокии онҳо омили мусоидаткунанда нисбати даъватҳои экстремистӣ-террористӣ маҳсуб меёбад.

Нақши модар дар тарбия, нигоҳубину парасторӣ ва камолоти маънавию ҷисмонии фарзанди худ бузург мебошад, хотиррасон мекунанд Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. Сабақи аввалини модар ба фарзанд аз омӯзонидани забон шуруъ мегардад ва бо нақли афсонаҳо ва қироати ашъору панди бузургон дар замири ӯ хислатҳои наҷиби инсониро ҷой медиҳад.

Сиёсати одилона, дастгириву ғамхориҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомал Раҳмон ба он равона гардидааст, ки ҳеҷ гоҳ фарзанди як бонуи тоҷик муртакиби ягон хатову гуноҳе нашавад ва модарон ҳамеша дар дунёи озодиву саодати фарзандони хеш ҳаёти саршори меҳру муҳаббат дошта бошанд.